Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 128 (4711) | ҶУМЪА, 27 ОКТЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ ВАҲДАТ ВА НОҲИЯИ РӮДАКӢ



**25-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо рафти корҳои ободонию созандагӣ, вусъати кишти тирамоҳӣ ва ифтитоҳи як қатор иншооти гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ ба шаҳри Ваҳдат ташриф оварданд.**

Дар маркази шаҳр Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст бинои нави иловагии Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат»-ро мавриди истифода қарор доданд.

Бинои нави таълимии Коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарҳи муосир бунёд шуда, аз таҳхона ва 4 ошёна иборат мебошад.

Аснои шиносоӣ бо шароити фароҳамгардида дар бинои хуштарҳу замонавии таълимӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳо баҳои баланд дода, аз муҳайё гардидани имконияти васеи илму касбомӯзӣ масъулонро барои омода кардани мутахассисони дорои маълумоти миёнаи касбӣ дар соҳаи тиб роҳнамоӣ карданд.

Мавриди зикр аст, ки бинои иловагии таълимии Коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат дорои 25 синфхона, аз ҷумла 7 толори барҳавои лексионӣ ва 10 ҳуҷраи корӣ барои омӯзгорону кормандон, мебошад, ки бо мизу курсӣ, аёнияти таълимӣ ва таҷҳизоти муосир, аз қабили тахтаҳои электронӣ ва видеопроекторҳо, муҷаҳҳаз карда шуда, барои таҳсили 1300 донишҷӯ дар ду баст пешбинӣ гардидааст.

Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар Коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат 7 факултет ва 12 кафедра амал мекунад.

Мутахассисони дорои маълумоти миёнаи касбӣ дар соҳаи тиб аз рӯи 7 ихтисос, аз ҷумла кори ҳамширагӣ, кори фарматсевтӣ, кори дандонсозӣ, кори тиббӣ - ташхисӣ, кори тиббӣ - офиятӣ, кори момодоягӣ ва тиббӣ - профилактикӣ, омода карда мешаванд.

Айни замон дар Коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат 2 ҳазору 424 донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки 2 ҳазору 110 нафари онҳо духтар ва 314 нафар писар мебошанд. Дар коллеҷи мазкур 210 омӯзгор, аз ҷумла 2 нафар доктори илмҳои тиббӣ ва биологӣ, 9 нафар номзади илм, 3 нафар доктор Пиэйҷдӣ (PgD) ва 33 нафар омӯзгори ҷавони соҳибтахассус фаъолият менамоянд, ки ба донишҷӯён дарс мегӯянд.

Бо мақсади мутобиқ намудани раванди таълим ба меъёрҳои муосир дар Коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат марказу озмоишгоҳҳои замонавӣ, аз ҷумла Маркази омӯзиши малакаҳои амалӣ, озмоишгоҳҳои таълимӣ ва ташхиси фарматсевтӣ, фанҳои морфологӣ, кабинетҳои фанни химия, биология, физика ва Маркази таълимӣ - клиникӣ таъсис дода шудааст.

Дар таҳхонаи бинои нави иловагии муассисаи таълимӣ ошхона бо 60 ҷойи нишаст, китобхонаи барҳаво бо зиёда аз 25 ҳазор нусха адабиёти таълимӣ, тахассусӣ, бадеӣ, сиёсӣ ва таърихӣ мавҷуд аст, ки ҳамарӯза донишҷӯён аз ин ганҷинаи илму хирад босамар истифода менамоянд. Толори китобхона 60 ҷойи нишаст дорад. Инчунин, дар китобхона 10 ҳазор нусха адабиёти зарурӣ дар шакли электронӣ маҳфуз буда, компютерҳо ба шабакаи байналмилалии интернет пайваст гардидааст.

Дар ошёнаи сеюми бино бо 160 ҷойи нишаст толори маҷлисӣ сохта шудааст, ки минбаъд ҷамъомаду чорабиниҳои илмию оммавӣ ва фарҳангию сиёсӣ дар ин толори барҳаво баргузор карда мешавад. Толори маҷлисӣ бо дастгоҳу таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз шудааст.

Раванди таълим дар коллеҷ тавассути дастгоҳҳои мушоҳидавӣ назорат карда мешавад. Бинои навбунёди коллеҷ бо шабакаи мустақили гармидиҳӣ, ки тариқи ангиштсанг фаъолият мекунад, дар фасли зимистон гарм карда мешавад.

Дар шафати бинои иловагии таълимӣ толори барҳавои варзишӣ ва майдончаи муосир барои бозиҳои футбол, волейбол ва баскетбол сохта шуда, барои тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва ба варзиш ҷалб кардани донишҷӯёну омӯзгорон шароити мусоид фароҳам гардид. Толори варзишӣ дар масоҳати 335 метри мураббаъ ва майдончаи замонавӣ дар масоҳати 800 метри мураббаъ сохта шудааст.

Зимни суҳбати самимӣ бо омӯзгорону донишҷӯён Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбияи мутахассисони баландихтисоси ватандӯсту хештаншиносро аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳайати омӯзгорон арзёбӣ карданд.

**25-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ваҳдат бо рафти кишти тирамоҳӣ ва самараи меҳнати кишоварзон шинос шуданд.**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо рафти кишти тирамоҳӣ ва нашъунамои сабзавот дар хоҷагиҳои деҳқонии «Лола», «Манзура» ва «Қодир»-и деҳоти ба номи Абдулло Абдулвосиеви шаҳри Ваҳдат шинос шуданд.

Хоҷагидорони деҳоти ба номи Абдулло Абдулвосиев кишти тирамоҳии пиёз ва ғалла гузаронида, заминро барои анҷом додани кишти картошкаи барвақтӣ омода кардаанд.

(Давомаш дар саҳ. 2)



## МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО УМАР КРЕМЛЁВ

**26-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон президенти Ассотсиатсияи байналмилалии бокс (IBA) Умар Кремлёвро, ки бо сафари корӣ ба шаҳри Душанбе омадааст, ба ҳузур пазируфтанд.**

Зимни мулоқот вазъ ва дурнамои ҳамкории Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии бокс баррасӣ шуд. Дар ҷараёни суҳбат доир ба мавқеи бокс дар ҷомеаи Тоҷикистон ва дурнамои рушди ин навъи варзиш дар давлати мо табодули афкор анҷом дода шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштироки фаъолонаи боксчиёни тоҷикро дар мусобиқоти гуногуни байналмилалӣ ва минтақавӣ таъкид намуда, натиҷаҳои баланди онҳоро дар солҳои охир зикр карданд. Аз ҷумла, Пешвои миллат дастовардҳои боксчиёни тоҷик дар Бозиҳои осиёиро дар шаҳри Ханжоуи Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки дар онҳо боксчиёни тоҷик як медали тилло ва як медали биринҷӣ ба даст оварданд, таъкид намуданд.

Ҳамчунин, ба тадбирҳое, ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ва Федератсияи бокси Тоҷикистон барои рушди минбаъдаи ин намуди варзиш андешида мешаванд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардид.

Ҷонибҳо аз сатҳ ва муҳтавои робитаҳо изҳори қаноатмандӣ намуда, инчунин, ба ҳамкории минбаъдаи судманди Федератсияи бокси Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии бокс изҳори умед карданд.

**www.prezident.tj**

Дар кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## БАРРАСИИ ҚОНУНҲО ВА ПЕШНИҲОДИ ХУЛОСАҲО

**Бисту сеюми октябри соли 2023 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Фарҳод Раҳимӣ ҷаласа доир шуд.**

Аъзои кумита ду масъала - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба категорияи шаҳрак мансуб донистани деҳоти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии ноҳияи Восеъ ва иваз намудани номи он ба Заҳматобод, инчунин иваз намудани баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Восеъ»-ро баррасӣ намуданд.

Сипас, хулосаҳои кумита оид ба масъалаҳои зикршуда дар алоҳидагӣ қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.



**24 - уми октябри соли ҷорӣ таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Шарифҷон Ҷумъазода ҷаласа баргузор шуд.**



Аъзои кумита 12 масъала - Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» - ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар охир хулосаҳои кумита дар алоҳидагӣ қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.



**24 - уми октябри соли равон таҳти раёсати муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология Лола Одилбекова ҷаласа баргузор шуд.**

Аъзои кумита Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ» - ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар охир хулосаи кумита қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ ВАҲДАТ ВА НОҲИЯИ РӮДАКӢ

(Идома аз саҳ. 1 - 2)

**26-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Рӯдакӣ Боғи фарҳангию фароғатиро баъди таҷдиду навсозӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**



Боғи мазкур дар кӯчаи Ҷавонон бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ва саҳми соҳибкорони маҳаллӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардидааст. Масоҳати умумии боғ 3,5 гектарро ташкил медиҳад. Даромадгоҳи иншоот бо усули меъмории миллӣ бунёд гардида, бо нақшу нигори диққатҷалбкунанда оро ёфта, дар ҳудуди боғ беш аз 800 бех дарахтони ороишию сояафкан шинонида шудааст. Ҳудуди боғро 4 фаввораи гуногун, ки бо истифода аз технологияи нав ва ба таври замонавӣ сохта шудааст, ҷилои дигар мебахшад. Роҳравҳо пурра сафолакпӯш шудаанд. Дар шафати роҳрав ва атрофи нишасткурсиҳою дигар гӯшаҳои боғ бо нигоҳи ҷадид ва аз рӯи дизайни ҷолиб 75 ҳазор дона гулҳои мавсимӣ ва бисёрсола шинонида шудааст. Масоҳати майсазори иншоот ба як гектар баробар мебошад.

Дар дохили боғ иншооти хизматрасонӣ, аз қабили қаҳвахона бо 40 ҷойи нишаст, гӯшаҳои истироҳати калонсолон, нуқтаҳои дилхушии кӯдакона, майдончаи варзишӣ барои футболи хурд дар масоҳати 120 метри мураббаъ ва гӯшаи шоҳмотбозӣ фаъолият мекунад. Майдончаи варзишӣ ва гӯшаи шоҳмотбозиро ба хотири тарғиби тарзи ҳаёти солим ва оммавигардонии варзиш ба таври замонавӣ сохтаанд.

Дар маркази боғи мазкур рамзи пирях гузошта шудааст, ки нишона аз дастгирию тарғиби ташаббуси байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим, аз ҷумла Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ва соли 2025 - «Соли ҳифзи пиряхҳо» сохта шудааст.

Дар ҳудуди иншоот барои таъмини фароғати наврасону ҷавонон 9 атраксион васлу насб гардидааст. Муҷассамаи ҳайвонот ва парандаҳои нодир, ки моҳирона сохта шуда, дар ҳар гӯшаи боғ насб гардидааст, табиати бою рангини Тоҷикистонро бозгӯ мекунад.

Гулу дарахтони Боғи фарҳангию фароғатии ноҳияи Рӯдакӣ бо истифода аз 63 обпошаки замонавии ба таври автоматӣ фаъолияткунанда обёрӣ мешаванд. Дар қисми шимолии боғ гӯшаи қаҳрамонони ҷангу меҳнат ташкил гардида, нимпайкараи шахсиятҳои маъруф ва лавҳаҳои хотиравӣ гузошта шудааст. Ҳудуди боғ дар шаб пурра чароғон ва рангин аст. Дар сутунпояҳои баландиашон 2, 3 ва 6-метра зиёда аз 300 чароғаки равшанидиҳанда ва ороишӣ васлу насб намудаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бунёди чунин боғи замонавӣ ба масъулон изҳори сипос намуда, истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷударо муҳим шумориданд.

Сипас, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази Боғи фарҳангию фароғатии ноҳияи Рӯдакӣ аз болои муҷассамаи қаҳрамони халқи тоҷик Спитамен парда бардоштанд.

Майдони назди муҷассама 750 метри мураббаъро ташкил дода, барои баргузор намудани чорабиниҳои фарҳангӣ мусоид мебошад. Атрофи муҷассама пурра сафолакпӯш ва сабзазор аст. Муҷассамаро дар боғ ба хотири гиромидошти заҳматҳои қаҳрамони халқи тоҷик Спитамен дар роҳи озодӣ гузоштаанд. Муборизаи Спитамен барои истиқлол ва озодӣ дар саҳифаҳои таърихи гузаштаи тоҷикон бо ҳарфҳои заррин навишта шудааст. Баландии муҷассамаи навбунёд 12 метр буда, он аз тарафи ҳайкалтарош Хуршед Ҳусейнов бо маҳорати баланд сохта шудааст.

Дар гӯшаи дигари Боғи фарҳангию фароғатии ноҳияи Рӯдакӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоишгоҳи ҳунарҳои мардумӣ боздид намуданд. Ҳунармандони ноҳияи Рӯдакӣ дар гӯшаҳои алоҳида ҳунарҳои кандакорӣ, кулолгарӣ, оҳангарӣ, наққошӣ, ресандагию бофандагӣ, гулдӯзию зардӯзӣ ва армуғонҳои гуногунро муаррифӣ карданд.

Ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки имрӯз дар ноҳияи Рӯдакӣ 5 маркази ҳунарҳои мардумӣ фаъолият мекунад ва ҳунармандон дар хона ҳар гуна маҳсулоти ҳунармандӣ омода намуда, ба фурӯш мегузоранд. Дар марказҳои ҳунармандӣ баробари омода намудани ҳар гуна лавозимоти рӯзгор ва армуғон, ҳамчунин ба сокинон, аз ҷумла ба наврасону ҷавонон, ҳунарҳои дастӣ омӯзонида мешавад. Тайи солҳои охир дар Тоҷикистон ба рушди ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуда, дар ин замина ҳунармандон аз пардохти андоз озод гардиданд. Ин омил дар эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ асос гузошт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳунару маҳорати сокинони ноҳияи Рӯдакӣ баҳои баланд дода, барои ҳар чӣ бештар фаро гирифтани наврасону ҷавонон ба касбомӯзӣ масъулонро муваззаф намуданд.

**26-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Рӯдакӣ бо лоиҳаи муфассали банақшагирии Ҷамоатҳои шаҳраки Сомониён, Мирзо Турсунзода, Навобод, деҳоти «Роҳатӣ» ва «Чортеппа» шинос шуданд.**

Зимни муаррифии лоиҳаҳо масъулон таъкид доштанд, ки дар асоси нақшаи генералӣ қисми аввали нақшаи муфассали банақшагирии шаҳраки Сомониён дар масоҳати 79,6 гектар барои зиёда аз 19 ҳазор нафар таҳия шудааст.

Лоиҳаи мазкур фарогири биноҳои истиқоматии баландошёна, 4 муассисаи таълимии ҳар кадом барои 3200 хонанда дар ду баст, 8 кӯдакистон барои аз 200 то 400 кӯдак, мактаби мусиқӣ, меҳмонхонаҳо, гулгаштҳо, варзишгоҳ бо 20 ҳазор ҷои нишаст, майдонча ва толорҳои варзиш, азнавсозии бозори «Ганҷ», биноҳои маъмурӣ, бинои ёрии таъҷилӣ дар назди беморхонаи марказӣ, беморхона барои касалиҳои дил, азнавсозии Қасри фарҳанг, васеъкунии роҳҳо ва ғайра мебошад.

Тибқи хулосаи геологӣ, лоиҳа ба ду қисм тақсим шуда, дар қисми ҷанубӣ иншооти маъмурӣ, истиқоматию хизматрасонии 5-7 ва дар қисми дигар биноҳои 9-12 - ошёна бунёд мешавад. Зимни таҳияи лоиҳа санъати меъмории миллӣ ба инобат гирифта шуда, истифодаи масолеҳи баландсифати сохтмонӣ пешбинӣ гардидааст.

Бо назардошти то соли 2040 қисман ворид шудани ҳудуди Ҷамоати шаҳраки Мирзо Турсунзода ба нақшаи генералии пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе дар қисми ҷанубу шарқии он дар заминаи биною иншооти куҳнаю фарсуда дар масоҳати 10 гектар бунёди шаҳраки нав ба нақша гирифта шудааст.

Шаҳрак барои 3420 нафар аҳолӣ пешбинӣ шуда, аз биноҳои маъмурии Ҷамоати шаҳраки Мирзо Турсунзода 60 бинои баландошёнаи истиқоматии 12-18 - ошёна, муассисаи таълимӣ барои 2400 хонанда дар як баст, кӯдакистон бо 480 ҷой, коргоҳҳои истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук, обанбор бо ғунҷоиши 1500 метри мукааб, бинои гармидиҳӣ, майдончаи варзиш ва майдонча барои бозии кӯдакон, гулгаштҳо ва ғайра иборат мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба мукаммал намудани шароит барои истиқоматкунандагони шаҳрак ба масъулон маслиҳатҳои муфид дода, зимни иҷрои корҳо истифодаи масолеҳи сифатноки сохтмонӣ, санъати меъмории миллӣ ва риояи меъёри талаботи муосири шаҳрсозиро ҳатмӣ шумориданд. Бо назардошти талаботи замони муосир маркази маъмурии Ҷамоати шаҳраки Навобод ва деҳоти «Роҳатӣ»- ю «Чортеппа» ҳам таҷдид карда мешаванд.

Лоиҳаи муфассали банақшагирии маркази маъмурии ҷамоатҳои мазкур фарогири биноҳои истиқоматии 5-7 ошёна, боғчаҳои бачагона барои 200 кӯдак, майдони рамзҳои давлатӣ, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 1200 хонанда дар як баст, биноҳои маъмурӣ, маркази саломатӣ ва иншооти хизматрасонӣ мебошанд ва барои аз 1200 то 1400 нафар аҳолӣ пешбинӣ шудаанд. Лоиҳаҳои мазкур аз тарафи ҶСК «Шаҳрофар» ва КВД «Лоиҳакаш»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд.

Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба лоиҳаҳои муфассали банақшагирии ҷамоати шаҳраку деҳоти ноҳияи Рӯдакӣ баҳои баланд дода, масъулонро барои назорати пурраи ҷараёни корҳо ва таъмини сифати сохтмон муваззаф намуданд.

**26-уми октябри соли 2023 дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Рӯдакӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Боғи фарҳангию фароғатии ноҳия бо зиёда аз 60 нафар ятими кулл аз ноҳияи Рӯдакӣ мулоқот доир намуда, ба онҳо туҳфаҳо тақдим карданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ҳар як сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат нахуст аз ҳолу аҳволи ятимону ниёзмандон бохабар гардида, бо вазъи зиндагии онҳо аз наздик шинос мешаванд.

Дар мулоқоти имрӯза ба ятимони ноҳияи Рӯдакӣ, дар доираи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идомаи ғамхориҳо нисбат ба ятимон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари оростани хони пурнозу неъмат ва зиёфат ба наврасону ҷавонони ятим, ки бо амри тақдир аз навозиши падару модар бенасиб мондаанд, китоб, сарулибос, кумаки молиявӣ ва шириниҳо тақдим гардид.

Ятимон ҳангоми суҳбат ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипос карда, ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки раъиятпарвар ҳастанд, барои ғамхориҳои пайваста ва падаронаашон аз самими қалб миннатдорӣ баён намуданд.

Ҳангоми мулоқот ва тақдими туҳфаҳо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки барои беҳтар намудани шароити мусоиди зиндагӣ ва таҳсили онҳо пайваста тадбирҳои зарурӣ, саривақтӣ ва самарабахш андешида мешавад.

Дар ин рӯз намоиши ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили рассомӣ, пухтупаз, дӯзандагӣ, бофандагӣ, ки дастранҷи тарбиятдиҳандагону ятимон буданд, дар як гӯшаи боғ ба намоиш гузошта шуд. Инчунин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо наврасону ҷавонони ятими ноҳияи Рӯдакӣ суҳбати самимӣ доир намуда, онҳоро барои омӯхтани касбу ҳунар, хониши хубу аъло, омӯзиши илмҳои муосир, забонҳои хориҷӣ, техника ва технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, худшиносию худогоҳӣ ва дӯст доштани Ватан ҳидоят намуданд, чунки ояндаи давлат ва миллат дар дасти ҷавонони худогоҳу хештаншинос ва донишманду бозаковат мебошад.

Ятимон ҳангоми суҳбат ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипос карда, ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ғамхориҳои пайваста ва падаронаашон аз самими қалб миннатдорӣ баён намуданд.

**26-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Рӯдакӣ бинои маъмурии Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Рӯдакиро мавриди истифода қарор доданд.**

Иншоот бо назардошти талаботи замони муосир дар масоҳати умумии 7 садяк замин бунёд шудааст. Масоҳати бино бо назардошти иншооти ёрирасон 125 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Корҳои сохтмонӣ дар иншоот соли 2021 оғоз гардида, он аз ҳисоби маблағҳои Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ва бо ҷалби аъзои фаъоли ҲХДТ-соҳибкорони маҳаллию шахсони саховатпеша бунёд ёфтааст. Пудратчии иншоот Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ёсин-сохтмон» буда, дар рафти корҳои созандагӣ сохтмончиёни маҳаллӣ ба кор ҷалб шудаанд.

Иншоот аз се ошёна иборат буда, дар қабати якум китобхона бо 1500 нусха адабиёти классику муосир, шуъбаи таблиғот ва иттилоот, утоқи қабули шаҳрвандон ҷой дода шудааст ва ошёнаи дуюму сеюмро утоқҳои корӣ, маъмурият, маҷлисгоҳ бо назардошти 100 ҷойи нишаст ташкил медиҳад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид ба сифати корҳои бунёдӣ баҳои баланд дода, масъулинро барои беҳтар намудани фаъолияти корӣ ва амалӣ намудани ҳадафҳою барномаҳои оинномавии ҲХДТ муваззаф намуданд.

**Дар ҷараёни сафари корӣ 26-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти «Чоргултеппа»-и ноҳияи Рӯдакӣ Корхонаи истеҳсоли пойафзоли Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сарҷамъ»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Корхона дар 0,32 гектар замин аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Маҳмадюсуф Ятимов бунёд шуда, баъд аз ифтитоҳ 70 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин шуданд.

Коргарони корхона нахуст нозукиҳои кор дар дастгоҳҳои истеҳсолиро омӯхта, дар коргоҳ мустақилона таҷҳизотро идора менамоянд. Айни ҳол 30 нафари дигар аз бахшҳои коромӯзӣ гузашта истодааст. Оянда бо ба роҳ мондани истеҳсолот дар ду баст шумораи коргарон афзоиш дода мешавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз шароити корӣ ва раванди истеҳсолот дар корхона, ба сифати маҳсулоти истеҳсолгардида баҳои баланд дода, ба фаъолият пардохтани корхонаи пойафзолбарориро дар ноҳияи Рӯдакӣ заминаи хуби татбиқи панҷсолаи рушди соҳаи саноат арзёбӣ карданд.

Дар корхонаи истеҳсоли пойафзоли Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сарҷамъ», дар як рӯз 500 ҷуфт пойафзол истеҳсол мешавад. Пойафзоли занона, мардона ва бачагона номгӯи молҳои дар корхона истеҳсолшавандаро ташкил медиҳад ва маҳсулоти он ивазкунандаи воридот мебошад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар коргоҳҳои корхона 26 дастгоҳи пойафзолдӯзӣ, дастгоҳи гулзанандаи пойафзол, 4 дастгоҳи буррандаи чарм ва 39 дастгоҳи дигари пойафзолдӯзӣ насб гардидааст, ки аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ворид шудааст.

Дар корхона ба сифати коркарди ашёи хом таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Маҳсулоти истеҳсолшаванда ба бозори дохилӣ рақобатпазир буда, барои таъмини эҳтиёҷоти мардум ба фурӯш бароварда мешавад.

Баъди ифтитоҳи Корхонаи истеҳсоли пойафзоли Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сарҷамъ» ва суҳбати самимӣ бо коргарон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намоиши маҳсулоти корхона шинос шуданд. Дар намоиш 20 намуд пойафзоли занона, мардона ва бачагона ба маъраз гузошта шуд.

Сарвари давлат дастур доданд, ки ба сифати истеҳсолот таваҷҷуҳи амиқ зоҳир карда, бо зиёд намудани ҳаҷми он дар таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти ивазкунандаи воридот саҳми муносиби худро гузоранд. Мавриди зикр аст, ки дар Тоҷикистон айни ҳол 21 корхонаи истеҳсоли пойафзол фаъолият дорад.

Дар нуҳ моҳи соли 2023- юм 1 ҳазору 190 ҷуфт пойафзол истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз намоиши маҳсулоти истеҳсолии коргоҳ аз дастгирӣ ёфтани сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти саноатикунонии босуръати кишвар аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

**www.prezident.tj**

# БЕҲТАРСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ ГУРӮҲИ ПАРЛУМОНӢ МУҲИМ АСТ

**24-уми октябри соли 2023 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии халқӣ-демократии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Син Хон Чхол мулоқот намуд.**

Дар мулоқот вазъ ва дурнамои робитаҳои байнипарлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии халқӣ-демократии Корея мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ҷониби Тоҷикистон ба рушду густариши бештари муносибатҳо бо Ҷумҳурии халқӣ-демократии Корея, аз ҷумла таҳкиму тавсеаи робитаҳои байнипарлумонӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, барои ба сатҳи сифатан нав расонидани муносибатҳо, дар навбати аввал беҳтарсозии кори Гурӯҳи парлумонӣ байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парлумони Ҷумҳурии халқӣ - демократии Корея, манфиатдор аст.



# ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН БО АП САҲА

**25-уми октябри соли 2023 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот, ҳамзамон роҳбари ҳайати Тоҷикистон дар Ассамблеяи парлумонии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо Саидмурод Фаттоҳзода тавассути пайванди видеоӣ бо намояндаи махсуси тозатаъини Ассамблеяи парлумонии САҲА дар Осиёи Марказӣ Фара Каримӣ мулоқот намуд.**

Дар мулоқот доираи васеи масъалаҳои ҳамкориҳои парлумонӣ дар чаҳорчӯбаи се ченаки САҲА мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

# ИШТИРОКИ ВАКИЛИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАР МУЛОҚОТИ ГУРӮҲИ ГЕОПОЛИТИКИИ «АВРУОСИЁ»

**24-уми октябри соли 2023 вакили Маҷлиси намояндагон Парвина Маликзод дар мулоқоти гурӯҳи геополитикии «АвруОсиё»-и Иттиҳоди байнипарлумонӣ, ки дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон, дар реҷаи фосилавӣ (онлайн) баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуд.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи тасдиқи рӯзномаи ҷаласаи гурӯҳи геополитикии «АвруОсиё»-и Иттиҳоди байнипарлумонӣ», «Дар бораи ишғол намудани ҷойҳои холии гурӯҳи геополитикии «АвруОсиё» дар мақомоти Вазорати роҳи оҳан», «Дар бораи интихоби раиси гурӯҳи геополитикии «АвруОсиё» ва «Дар бораи сана ва соати баргузории ҷаласаи гурӯҳи геополитикии «АвруОсиё»-и Иттиҳоди байнипарлумонӣ дар доираи Ассамблеяи 147-уми ИБ дар Луанда, Ангола» мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Парвина Маликзод, аз ҷумла, чунин таъкид намуд: «Тӯли сӣ соли равобити дипломатӣ байни кишварҳоямон тавонистем механизмҳои муассири ҳамкориҳоро бунёд намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардем, ки имрӯз ба нафъи халқҳои бародарамон хизмат мекунанд. Мо ба муносибатҳои ҳозира ва устуворона бо ҳамаи мамлакатҳо баҳои баланд медиҳем».

# ИШТИРОКИ ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАР ҶАЛАСАҲОИ КОМИССИЯИ ДОИМИИ АБ ИДМ

**26-уми октябри соли 2023 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дар ҷаласаи комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва конфронси байналмилалии «Забони русӣ - асоси муколамаи ҳамгироӣ дар минтақаи ИДМ», ки дар шаҳри Санкт - Петербурги Федератсияи Россия баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуд.**

Аъзои комиссия дар ҷаласа лоиҳаи конунҳои намунавӣ «Дар бораи баҳогузории кадастри давлатӣ», «Дар бораи шартномаҳои нигоҳдорӣ» ва «Дар бораи созишномаҳои миёнаравӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, табодули назар намуданд.

Вакилон, ҳамчунин, дар бораи натиҷаҳои ҷаласаи навбатии Шӯрои коршиносони Комиссияи доимии АБ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки 21-уми сентябри соли 2023 баргузор гардида буд, маълумотро шунида, аз рӯи пешниҳодҳои таҳиянамудаи Шӯро қарор қабул намуданд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода, ҳамчунин, дар конфронси байналмилалии «Забони русӣ - асоси муколамаи ҳамгироӣ дар минтақаи ИДМ» иштирок намуд.

Ёдовар мешавем, ки бо қарори Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ соли 2023 «Соли забони русӣ ҳамчун забони муошират байни миллатҳо дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» эълон гардидааст.

Ташкилкунандагони конфронс якҷо бо АБ ИДМ Шӯрои Федератсияи Маҷлиси федералии Федератсияи Россия, Китобхонаи миллии Федератсияи Россия, Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Россия ба номи Б. А. Герцен ва Ассотсиатсияи байналхалқии омӯзгорони забон ва адабиёти рус мебошанд.

